# МАЪЛУМОТИ МУҲИМ БАРОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ОБИ НӮШОКӢ
# ВАЖНАЯ ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ ПОТРЕБИТЕЛЕЙ ПИТЬЕВОЙ ВОДЫ

## ИСТЕЪМОЛКУНАНДА ҲУҚУҚ ДОРАД:

- Хизматрасонии таъмини оби нӯшокии сифаташ мутобиқ, барои ҳаёт, саломатӣ ва амволаш бехатарро гирифта бошад;
- Аз таъминкунандаи оби нӯшокӣ ҷуброни зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва ё ба амволаш бинобар камбудии хизматрасонии пешниҳодшуда, расонидашударо пурра талаб намояд, инчунин зарари маънавиро тибқи тартиботи муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд;
- Бартарафкунии камбудиҳои ошкоршудаи хизматрасонии таъмини оби нӯшокиро аз обтаъминкунанда дар мӯҳлати дар шартнома пешбинишуда, талаб намояд;
- Ҳангоми поймол гаштани ҳуқуқҳои худ аз ҳимояи давлатӣ ва судӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода намояд.

## ПОТРЕБИТЕЛЬ ИМЕЕТ ПРАВО:

- На получение услуг водоснабжения установленного качества, безопасных для его жизни и здоровья, не причиняющих вреда его имуществу;
- Требовать от поставщика питьевой воды возмещения в полном объёме убытков и вреда, причиненного жизни, здоровью или имуществу вследствие недостатков в предоставлении услуг, а также морального вреда в размере и порядке, определяемых в соответствии с законодательством Республики Таджикистан;
- Требовать от поставщика питьевой воды устранения выявленных недостатков в предоставлении услуг в установленные договором сроки;
- На государственную и судебную защиту в соответствии с законодательством Республики Таджикистан в случае нарушения его прав.

## ИСТЕЪМОЛКУНАНДА ӮҲДАДОР АСТ:

- Саривақт, тибқи мӯҳлатҳои дар шартнома пешбинишуда, маблағи хизматрасонии пешниҳодшударо пардозад;
- Хизматрасонии таъмини оби нӯшокиро аз рӯи таъиноти мустақимашон ба таври оқилона истифода намояд;
- Ба ҳаракатҳои тартиби истифодаи хизматрасониро вайрон мекарда, ки дар шартнома ва қоидаҳои хизматрасонии коммуналӣ муқаррар гаштаанд, роҳ надиҳад;
- Ҳангоми истифодаи ҳизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ, қоидаҳои бехатарии истифодабариро риоя намояд;
- Намояндаи таъминкунандаи оби нӯшокиро барои бартараф кардани садама, азназаргузаронии таҷҳизоти муҳандисӣ ва асбобҳои баҳисобгирӣ роҳ диҳад.

## ПОТРЕБИТЕЛЬ ОБЯЗАН:

- Своевременно, в установленные договором сроки, оплачивать предоставленные услуги;
- Рационально использовать услуги водоснабжения по их прямому назначению;
- Не совершать действий, нарушающих порядок пользования услугами водоснабжения, установленный договором и правилами коммунального обслуживания;
- Соблюдать требования техники безопасности при пользовании услугами водоснабжения;
- Допускать представителя поставщика питьевой воды для устранения аварии, осмотра инженерного оборудования, приборов учёта и контроля.

## МАСЛИҲАТҲОИ МУФИД БАРОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ОБИ НӮШОКӢ

- Маблағи оби нӯшокии истифодашударо на дертар аз санаи 10-уми моҳи оянда пардохт намоед, вагарна обтаъминкунанда барои ба таъхиргузорӣ ҳуқуқ дорад ҷарима (пеня) ҳисобӣ намояд;
- Масъалаи қатъ намудани интиқоли оби нӯшокӣ барои напардохтани қарз бояд дар шартнома дарҷ шуда бошад, одатан ин мӯҳлат дар шартномаҳои хизматрасонии коммуналӣ на камтар аз як моҳи мавҷуд шудани қарз, муқаррар мегардад. Дар ин мӯҳлат таъминкунандаи оби нӯшокӣ ҳуқуқ надорад оби нӯшокиро ба Шумо қатъ намояд;
- Ҳамеша ба кӣ, чӣ қадар ва барои чӣ маблағ пардохт намуданатонро дониста бошед, зеро ягон кас ба ҷои Шумо суратҳисоби Шуморо тафтиш намекунад;
- Ҳамаи пардохтномаҳоро (квитансияҳоро) нигоҳ доред;
- Хизматгузории ҳисобкунак, аз ҷумла тафтиш дар мақомотҳои стандартикунонӣ, таъмир, иваз ва озмоиши он –ин ӯҳдадории обтаъминкунандаи Шумо мебошад!
- Агар бо айби таъминкунандаи оби нӯшокӣ ба Шумо зарари моддӣ ва маънавӣ расонида шуда бошад, Шумо ҳуқуқ доред аз таъминкунанда ҷуброни пурраи зарари расонидашуда ва зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи Шумо расидааст, талаб намоед.

## ВАЖНЫЕ СОВЕТЫ ПОТРЕБИТЕЛЯМ ПИТЬЕВОЙ ВОДЫ

- Платите за потребленную питьевую воду не позже 10 числа следующего месяца, в противном случае поставщик имеет право начислять пеню за просрочку платежа;
- Вопрос отключения за долги должен быть отражен в договоре, обычно не менее 1-го месяца с момента образования задолженности. В этот период поставщик не имеет право отключать Вам питьевую воду;
- Знайте всегда, за что и кому, Вы платите и по какой цене, за Вас ваши счета никто проверять не будет. Сохраняйте все квитанции;
- Обслуживание счётчика, включая его проверка в органах по стандартизации, клеймение, пломбирование любых частей, ремонт, замена, проверка – это обязанность Вашего поставщика питьевой воды!
- Если действия поставщика питьевой воды нанесли Вам моральный и материальный вред, Вы имеете право требовать от поставщика возмещения в полном объёме убытков и вреда, причиненного жизни, здоровью или имуществу.


GoAL WaSH

UNDP — Empowered lives. Resilient nations.

SIWI

WATER GOVERNANCE FACILITY

GoAL WaSH is financed by SWEDEN



CU — Tajik voice for consumers

Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон
www.obinushoki.tj

ш. Душанбе х. Рӯдакӣ, 137, ут. 501
Тел. + 992 (37) 224 14 04, 224 14 11
E-mail: constaj@list.ru

ш. Хуҷанд
Тел.: +992 (3422) 5 55 52
E-mail: constaj@yandex.ru

ш. Қӯрғонтеппа
Тел.: +992 93 577 80 05.
E-mail: constaj@bk.ru

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ «ОБУ КОРЕЗИ ДУШАНБЕ»

КВД «Обу корези Душанбе»
734000 ш. Душанбе, куч. Айни 14а,
Тел.: +992 2210992
www.obidushanbe.tj

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ КОММУНАЛИИ «ХУҶАНДОБУКАНАЛ»

КВДК "Хуҷандобуканал"
735700, кв. 27, ш.Хуҷанд, вил. Суғд,
тел: +992 (3422) 2 47 49
факс: +992 (3422) 2 93 62